«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
__________н.и.и., Ибодзода З.Ҳ.
«__7__» __01__ 2026с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯй ихтисоси 03.03.01 – Физиология.**

**Мутобиқати мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисола ба шиносномаи ихтисоси 03.03.01- Физиология, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи бандҳои зерин тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад:

**Мувофиқи банди 1.** Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимиятӣ муҳити дохилии организм.

**Мувофиқи банди 3.** Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра). Таҳқиқи динамикаи равандҳои физиологӣ дар тамоми давраҳои инкишофи организм.

**Мувофиқи банди 6.** Омӯзиши механизмҳои функсияҳои ҳуҷайраҳо, бофтаҳо, узвҳо, принсипҳо ва системаи ташкилаҳои онҳо.

**Мувофиқи банди 8.** Омӯзиши механизмҳои физиологии мутобиқшавии одам ба ҳама гуна шароитҳои ҷуғрофӣ, экологӣ, меҳнат, нутқ ва иҷтимоӣ.

**Мувофиқи банди 12.** Механизми физиологии мутобиқшавии ба ҳама гуна шаклҳо, намудҳо ва шароитҳои фаъолият аз он ҷумла ба шароити экстремалӣ. Коркарди муханизми идоракунии мутобиқшавии функсияҳои физиологии одам ба шароитҳои қаҳратуни табиӣ – иқлимӣ.

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот**. Аксарияти варзишгарони касбӣ дар аввали сол тибқи нақшаҳои варзишии дар пеш истода ба тамрини пуршиддат шурӯъ менамоянд. Дар раванди тамрини тӯлонӣ сарфи барзиёди энергия ва муҳимтарин моддаҳои органикии ҳаётан зарурӣ ба амал меояд. Бинобар ин дар аксарияти мамлакатҳои тараққикардаи дунё дар баробари ғизои калориянокиаш баланд, маводҳои зиёди фаъоли биологӣ барқароркунанда ва витаминҳои зиёдро истифода мебаранд. То ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои фаъоли биологие, ки қобилияти мутобиққунандагӣ ва барқароркунандагии коршоямии системаи физиологӣ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, мавзӯи интихобкардаи Шерализода Орзуҷон Зафар мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Хусусияти муҳимтарини мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим аз он иборат аст, ки дорои комплекси моддаҳои фаъоли

биологӣ буда, таъсири онҳо ба системаи физиологӣ оҳиста-оҳиста шурӯъ гардида, ҳангоми тулонӣ истифода бурдан таъсири максималӣ расонида оризаҳои онҳо тамоман паст мебошад.

Истифодаи мутобиққунандаҳои набототӣ аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки организмро ба шароити тағйирёбандаи тамринии муҳит мутобиқ намуда, хароҷоти сарфакоронаи энергияро ба амал оварда, қобилияти муҳофизатии организми варзишгаронро баланд мебардорад.

Муҳимтарин хусусияти мутобиққунандаҳои табиати набототидошта аз он иборат мебошад, ки онҳо ба гурӯҳи маводҳои допингӣ дохил нашуда, қобилияти баланди мутобиққунандагӣ зоҳир менамоянд.

**Дарачаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда аз он ҷиҳат эътимоднок мебошанд, ки диссертант зимни таҳқиқоти худ бо истифодаи усулҳои муосири физиологӣ ва таҷҳизотҳои муосир, таҳлили натиҷаҳо тасдиқ карда мешаванд. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натичаҳои гирифташуда.** Дар таркиби решаи ширинбия, заринреша ва качим миқдори зиёди моддаҳои фаъоли биологӣ вуҷуд дошта, ба организми инсон чунин таъсири мутобиққунандагӣ мерасонанд:

**1.** Навгонии таҳқиқот аз он иборат аст, ки ҳангоми дар муддати як моҳ истеъмоли шарбати решаи ширинбия, заринреша ва качим ҳангоми тамрини пуршиддати пеш аз мусобиқа басомади кори дил, фишори шараёнӣ ва ҳаҷми ҳаётии шуш беҳтар гардида, қобилияти вақти барқароршавии коршоямии мушакҳо кутоҳтар мегардад.

2. Дар зери таъсири шарбати ширинбия, заринреша ва качим дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ ҷараёни ҳосилшавии эритроситҳо фаъол гардида, миқдори ин ҳуҷайраҳо ва консентратсияи гемоглобин баланд гардида, шумораи лейкоситҳо ва қобилияти муҳофизатии онҳо баланд мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои мазкур пас аз сарбории ҷисмонӣ миқдори глюкоза, чарбҳо кам гардида, миқдори сафедаҳо зиёд мегардад. Дар зери таъсири шарбати растаниҳои ширинбия, заринреша ва качим фаъолнокии ферментҳо мӯътадил гардида, қобилияти бо энергия таъминкунии мушакҳо беҳтар мешавад.

3. Аз санҷиши муқоисавии хусусиятҳои мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим муайян гардид, ки аз ҷиҳати таъсир нисбати кори дил, ҳаҷми ҳаётии шуш, миқдори эритроситҳо, консентратсияи гемоглобин, миқдор ва фаъолияти лейкоситҳо, миқдори сафедаҳо ва чарбҳо решаи качим дар ҷойи аввал, решаи заринреша дар ҷойи дуюм ва решаи ширинбия дар ҷойи сеюм қарор доранд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда имконият медиҳад, ки майдони истифодаи шарбати ширинбия, заринреша ва качим васеъ гардида, ҳамчун маводи фаъоли биологии ёрирасон барои варзишгарони соҳаҳои гуногун ҳамчун манбаи мутобиққунанда ва барқароркунандаи қобилияти коршоямӣ тавсия карда мешавад.

Маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд дар раванди таълим дар кафедраи анатомия ва физиологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов, кафедраи анатомия ва физиологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ҳангоми хондани лексияҳо аз фанни физиологияи умумӣ ва варзиш, корҳои амалӣ мавриди истифодабарӣ қарор

дода шавад. Аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири қиёми решаи ширинбия, заринреша ва качим ҳангоми сарбории ҷисмонӣ, хусусияти мутобиқкунандагии онҳо дар варзишгарони намуди гӯштингирӣ ба таври илмӣ асоснок карда шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳо зимни таҳқиқоти бадастомада бо истифодаи усулҳои муосири физиологӣ ва таҷҳизотҳои муосир, таҳлили натиҷаҳо тасдиқ карда мешаванд. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷгардида дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти илмӣ, ҳалли масъалаҳо, гузаронидани таҳқиқот, таҳлил дар шароити озмоишгоҳӣ ва толорҳои варзишӣ, баҳодиҳии натиҷаҳои ҳосилшуда, шарҳи натиҷаҳо, омода ва нашр намудани мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун аз ҷониби муаллиф гузаронида шудаанд, инчунин аз баёни хулосаҳо ва мазмуни асосии диссертатсия иборат мебошад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводи асосии таҳқиқоти диссертатсия чунин мебошад: 15–маводи илмӣ нашр гардидааст, аз ҷумла 9 – мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин 6 – мақолаи илми, ки дар маҷаллаҳо ва конфронсҳо нашр гардидааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар асоси таҳқиқотҳои зиёди озмоишгоҳӣ бо истифода аз таҷҳизотҳои муосири ҳозиразамон ва усулҳои навтарини физиологӣ гузаронида шуда, унвонҷӯ вазифаҳои дар пеши худ гузоштаро пурра иҷро намудааст. Натиҷаҳои илмӣ бадастомада дар Конференсияҳои гуногуни сатҳи ҷумҳуриявӣ арзёбӣ гардидааст. Диссертатсия дорои натиҷаҳои навтарин буда, аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқи иҷро гардида, хеле мубрам ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсия дорои сарсухан, муқаддима ва 4 боб, тавсифи маводҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ, феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 244 (188 манбаи ватанӣ ва кишварҳои ИДМ, 56 муаллиф аз хориҷи дур) иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 159 саҳифа таҳия шуда, аз 24 ҷадвал ва 19 расм ҷой дорад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯи интихобкардашуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекти мавзӯи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон дар қисмати муқаддима оид ба мушкилоти муосири омӯзиши таъсири гиёҳҳои доруворӣ ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии организми варзишгарон дар ҷараёни тамрин асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум** шарҳи адабиёт. Хусусиятҳои биологӣ, таркиби химиявӣ ва истифодаи решаи ширинбия, заринреша ва качим дар тибби халқӣ ва замони муосир дарҷ гардидааст. Дар ин боб дисертант оиди таърихи истифодаи мутобиққунандаҳои нabототӣ дар тибби варзишӣ маълумотҳои зиёди илмиро ҷамъоварӣ намудааст. Ҳамзамон муаллиф дар ин боб оиди истифодаи мутобиққунандаҳои табиати набототидошта дар тибби варзишӣ ва механизми таъсири ингуна моддаҳоро ба нишондодҳои физиологӣ дар организми варзишгарон арзёбӣ намудааст.

Аз таҳлилҳои адабиётҳои гузаронидаи дисертант маълум мегардад, ки дар таркиби ширинбия моддаҳои фаъоли биологӣ ба монанди гюкоза, сахароза, оҳар, стероидҳо, спонинҳои трипеновӣ, флавонҳо, кислотаҳои органикӣ, витамии С ва ғайра мавҷуд аст, ки қисми зиёди онҳо хосияти муҳофизати, мутобиққунандагӣ ва зиди илтиҳоби зоҳир менамоянд.

Дар таркиби заринреша бошад чунин моддаҳои фаъоли биологӣ ба монанди гликозидҳо, салидрозид, тирозол ва пайвастагиҳои ароматӣ мавҷуд аст, ки онҳо қобилияти барқароршавиро дар оганизм ба амал меоранд.

Дар таркиби качим бошад чуни моддаҳои фъоли биологӣ, аз 6 то 20% сапонин, гипсофилсапонин, гипсозид, флавонидҳо ва дигар полифенолҳо муайян карда шудааст, ки онҳо дар омодасозии варзишгарон ба намудҳои гуногуни варзиш фарҳам меорад.

**Дар боби дуюм** мавод ва методҳои таҳқиқот. Дисертант ба таври мушаххас усулҳои тайёр намудани шарбати гиёҳҳои омӯхташаванда, усулҳои физиологии санҷиши қувваи ҷисмонии варзишгарон, усули санҷиши биоимпендансӣ барои муайян кардани сохтори бофтаҳо, моддаҳои органикӣ ва ғайриорганикии бадани варзишгарон, вазн қад, индекси вазни баданро дарҷ намудааст. Дар боби дуюм инчунин оиди усулҳои гемотологии санҷиши таркиби хуни варзишгарон, усули муайян намудани ҳуҷайраҳои хун, фаъолияти фагоситарии нейтрофилҳо, усулҳои биохимиявии санҷиши хуни варзишгарон ва усулҳои омӯзиши системаи лахташавии хуни варзишгарони намуди гӯштингирӣ муайян намудааст.

**Дар боби сеюм.** Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқот оиди таъсири мутобиққунандаҳои набототӣ ба нишондодҳои физиологӣ, биохимиявӣ ва қобилияти барқароршавии қувваи ҷисмонии организми варзишгарон.

Муаллиф дар ин боб оиди хусусияти физикӣ, химиявӣ ва органолиптикии шарбати решаи ширинбия, заринреша ва качим, таъсири муқоисавии мутобиққунандаҳои набототӣ ба нишондодҳои физиологии варзишгарон, инчунин таъсири маводҳои омӯхташаванда ба бофтаи мушакӣ, бофтаи чарбуӣ, сафедаҳо, об ва моддаҳои маъданӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар ин боб инчунин муаллиф оиди таъсири мутобиққунандаҳои набототӣ ба нишондодҳои биохимиявии хун, макро ва микроэлементҳои хун ва ҳамзамон таъсири шарбатҳои омӯхташаванда ба нишондодҳои системаи лахташавии хун ба қайд гирифта шудааст.

Аз таҳқиқотҳои дисертант маълум мегардад, ки дар ин боб баъд аз истеъмоли шарбатҳои омӯхташаванда нишондодҳои физиологӣ ба монанди басомади нафаскаши, ҳаҷми ҳаётии шуд, фишори шараёнӣ, набз, нишондодҳои хуни канорӣ аз ҷумла эритроситҳо, лейкоситҳо, тромбоститҳо ва фаъолияти фагоситарии нейтрофилҳо беҳтар гардида қобилияи мутобиққунандагии организми варзишгаронро ба вуҷуд овардааст.

**Дар боби чорум** баррасии натиҷаҳои бадастовардашуда. Унвонҷӯ дар ин боб оид ба муҳокимаи натиҷаҳои ба дарс омада, муқоисаи ин натиҷаҳо бо натиҷаи дар адабиётҳои илмӣ мавҷуд буда гузаронида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabra* L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Шерализода Орзуҷон Зафар ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология мувофиқат менамояд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки унвонҷӯ дарёфти дараҷаи илмӣ дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст:

1. Омӯзиши таъсири мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба нишондодҳои басомади кори дил ва фишори шараёнӣ.
2. Омӯзиши таъсири мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба нишондодҳои басомади нафаскашӣ ва ҳаҷми ҳаётии шуш.
3. Омӯзиши таъсири мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба фаъолияти физиологии барқароршавӣ, коршоямии мушакҳои бадан ҳангоми тамрини тулонӣ.
4. Омӯзиши муқоисавии таъсири мутобиққунандаҳои шарбати ширинбия, заринреша ва качим ба миқдори эритроситҳо, лейкоситҳо, консентратсияи гемоглобин ва нишондодҳои биохимиявии дар организми варзишгарони намуди гӯштингирӣ ҳангоми тамрин.
5. Ба таври илмӣ асоснок намудани истифодаи мутобиққунандаҳо дар давраи тайёрии варзишгарони намуди гӯштингирӣ.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳоди ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасогиҳо ва хатогиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати илмии диссертатсияро коста намегардонанд.

Аз ин рӯ, ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи дисертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб чунинанд:

1. Диаграммаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида якранг буда, беҳтар мешуд, ки дар шаклҳои гуногун оварда мешуд.

2. Дар диссертатсия на ҳамаи адабиётҳои овардашуда панҷ соли охирро фаро мегирад.

3. Беҳтар мешуд, ки ҷадвалҳо дар як саҳифа ҷойгир карда мешуд.

4. Дар диссертатия ва афтореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ҷой дорад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи ҳали худро ёфтааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Шерализода Орзуҷон Зафар дар мавзӯи «Таъсири гиёҳҳои шифобахш ширинбия (*Glycyrrhiza glabr*a L), заринреша (*Rhodiola gelida* Schrek) ва качим (*Gypsophila capituliflora* L)) ба мутобиқшавӣ ва барқароршавии нишондодҳои физиологии организми варзишгарон» аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Шерализода Орзуҷон Зафар ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.03.01 – Физиология сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси талаботҳои бандҳои 76, 79 ва 81-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021 № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи физиологияи нормалӣ ва потологии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, доктори илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 03.03.01.–Физиология, Ҳалимова Фариза Турсунбаевна омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи физиологияи нормалӣ ва потологии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи ғайринавбатии №6«__6__»__01__2026с).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 – нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдиҳи 13 – нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори илмои тиб профессор, мудири кафедраи физиологияи нормалӣ ва потологии МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» — Шукуров Ф.А.

**Эксперт:**
доктори илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 03.03.01.–Физиология,дотсенти кафедраи физиологияи нормалӣ ва потологии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон — Ҳалимова Ф.Т.

Котиби илмии ҷаласа: — Шердилзода Ф.

Имзоҳои Ахмедов А.А., Ҳалимова Ф.Т., -ро тасдиқ мекунам:
и.в. сардори раёсати кадрҳои Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон — Қарахонзода М.М.


**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кучаи Клара Сеткина 2.
Тел:939333410.
Dtit082020@ gmail.com


«__7__» __01__2026с.

8.01.2026.